С. САТТОРОВ, Ҷ. ОХУНОВ, М. ЯҲЁЕВ

# АЛИФБОИ МУСИҚӢ

**КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ 2-УМИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ**
**(нашри дуюм)**

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

Душанбе
“Маориф ва фарҳанг”
2013

ББК 74.266.7+85.31Я72
С-34

*Сатторов С, Охунов Ҷ, М.Яҳёев.* **Алифбои мусиқӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 2. Душанбе, “Маориф ва фарҳанг” 2013, 95саҳ.

Муҳаррир:
М. Меликова

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

© *Сатторов С, Охунов Ҷ, Яҳёев М. 2013*

# ПЕШГУФТОР

«Алифбои мусиқӣ», ки барои хонандагони синфи дуюм ҳамчун китоби дарсӣ тавсия мешавад, маводи зиёдеро дар бар гирифтааст. Он дар мусиқифаҳмӣ, дарки мусиқӣ, иҷрои суруд, маданияти шунида тавонистан ва умуман фарогирии маърифати мусиқӣ ба бачаҳо кӯмак мерасонад.

Муаллими мусиқӣ ҳар як дарсро метавонад эҷодкорона, бо бозиҳои мусиқии ба мавзӯъ мувофиқ шавқовару таъсирбахш гузаронад. Дар барномаи нимсолаи аввал барои хонишу омӯзиш сурудҳо нисбатан камтар интихоб шудаанд. Муаллифон дар китоби мазкур кӯшиш кардаанд, ки дар ниҳоди хонандагони хурдсол малакаи мусиқифаҳмӣ ва маърифати ибтидоии мусиқиро ба вуҷуд оранд. Иҷрои суруд баъди ба омӯзиши амиқ омода гардидани шогирдон оғоз меёбад.

Дар нимсолаи дуюм савтҳои мусиқӣ (адвор), суруд ва навъҳои он, тарзи иҷро ва маълумоти муҳимтари мусиқӣ дар бораи сурудҳо омӯхта мешаванд. Муаллим дар нимсолаи дуюм барои осонию самаранокии таълим аз маҷмӯаҳои зиёди сурудҳо, ки мувофиқи синну соли хонандагони синфи дуюм интихоб шудаанд, метавонад фаровон истифода барад.

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оҳанги Сулаймон Юдаков
Шеъри Гулназар Келдӣ

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод!
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод!
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем!
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои ному нанги мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту!
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо!
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост!
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

åì, êà -

**Тантанавор**



# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## Эй булбулакон

**Оҳанги Абдулло Назриев**

**Шеъри Абдусалом Лехотӣ**






# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ҶОН ТОҶИКИСТОН

Оҳанги Шариф Бобокалонов
Шеъри Мирсаид Миршакар



Ҷон Тоҷикистон,
Фарзандат ҳастем,
Дар хизмати ту
Камар бубастем.

# ШИНОСОЙӢ БО САДОҲОИ БАЛАНД ВА ПАСТ



**Карнай**

Оҳанги наю садои карнай
Шодӣ ба дил оварад паёпай.



**Сурнай**



Садои карнай ғафс (паст) буда, садои сурнай борик (баланд) мебошад.

Садо ҳар қадар борик бошад, он ҳамон қадар баланд аст.

**Савол:** Созҳои мусиқии нафасии сурнаю карнайро чаро базмӣ мегӯянд.
Боз кадом созҳои базмиро медонед?

# МАКТАБ



Мо бачагони шоду хандонем,
Дар мактаб доим аъло мехонем.

## Машқро иҷро кунед




**Савол:** Оё машқро ҳама дуруст иҷро карданд?

# ШИНОСОЙӢ БО ОҲАНГСОЗ



Арбоби ҳунари Тоҷикистон, дотсент Ҷӯрабой Охунов яке аз оҳангсозони писандидаи бачагон аст. Сурудҳои ӯ хушоҳангу шево буда, дорои хусусиятҳои хосси миллӣ мебошанд. Аз ин рӯ сурудҳои ӯро дар байни сурудҳои оҳангсозони дигар зуд фарқ кардан мумкин аст. Оҳангсоз барои оркестрҳои созҳои халқӣ ва симфонӣ ҳам асарҳои бисёр эҷод кардааст. Офаридаҳои ӯ дар толорҳои консертӣ ва телевизиону радиои мамлакат пайваста садо медиҳанд. Ҷӯрабой Охунов омӯзгори мусиқӣ ҳам ҳаст. Ӯ шогирдони зиёдеро таълим додаю парвариш кардааст. Вай дар ташвиқу тарғиби эҷодиёти оҳангсозони дигар низ хидмати зиёде мекунад.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ
# АЛИФБОИ МУСИҚӢ

Оҳанги Ҷӯрабой Охунов
Шеъри Наримон Бақозода






**Савол:** Суруд ба шумо маъқул шуд?

# СУРУДРО ЧӢ ТАВР ХОНДАН ЛОЗИМ АСТ?



Ба мусиқӣ бодиққат гӯш диҳед.

Пеш аз саройидан китфҳоро боло набардошта, оромона нафас гиред.

Ҳангоми сароийдан кӯшиш кунед, ки овози рафиқатонро шунавед.

Сурудро бо овози ҷӯру форам сароед.

Калимаҳоро бурро ва фаҳмо талаффуз кунед.

Ба садои мусиқӣ эътибор дода, мувофиқи он сароед.

Бо ишораи муаллим баробар оғоз кунед. Ҳамвор хонед ва баробар ба анҷом расонед.






# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

## ШОД БА МАКТАБ РАВЕМ

Оҳанги Ёқуб Сабзанов
Шеъри Нуъмон Розиқ

I

Дар бағали мо - китоб,
Лаб - лаби рӯди пуроб,
Мисли сабо бошитоб

Шод ба мактаб равем,
Шод ба мактаб равем.

II

Субҳи Ватан - дилкушо,
Роҳати чашмони мо,
Хандакунон ҳар пагоҳ

Шод ба мактаб равем,
Шод ба мактаб равем.






Савол: Оё сурудро ҳама хонд?

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ГУНҶИШКАК

Оҳанги Ёқуб Сабзанов
Шеъри Убайд Раҷаб



Гунҷишкаке ҳадя кард
Акояш ба Санавбар,
Гунҷишкаки алояк,
Зебою хушболу пар.

# САДО



Садоро фақат шунидан мумкин аст.

Дар табиат садоҳо гуногунанд, ки ҳамаи онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) садоҳои форам,

б) садоҳои нофорам.

Садоҳои мусиқӣ форамманд, чунки онҳо пастию баландии муайян доранд ва аз ҷониби оҳангсоз мувофиқи табъу завқи одамон офарида мешаванд.

**Супориш:** Садоҳоро аз якдигар фарқ кунед.

# ШИНОСОЙӢ БО СОЗҲОИ ЗАРБӢ





**Дойира** **Таблак**

## Бозии “КӢ ХУБТАР ИҶРО МЕКУНАД?”



**Супориш:** Бо созҳои зарбӣ бозиҳо ташкил кунед.

## Бозии “КӢ ФОРАМТАР МЕСАРОЯД?”

### Машқро иҷро кунед.






**Супориш:** Бо овози форам сароед.

## Зарбҳоро иҷро кунед.

Зарби ин машқҳоро ҳама баробар бо қарсак ифода намоед.






Супориш: Ба ҳаракати писарак нигаред ва ин машқро мувофиқи бароmаду фуромади ӯ иҷро намоед.

# ШИНОСОЙӢ БО СОЗҲОИ ЗАРБӢ



Нақора



Кӯшнақора

## ЗЕБОҶОН

**Суруди халқии тоҷикӣ**





*Зе - бо-ҷо-нам, ҷо-ни ман, нав-гу-ли бӯс-то-ни ман.*
*Рақ-си зе - бо ме-ку - над дух-та-ри дав -ро- ни ман.*

Супориш: Аз рӯйи нишондодҳо машқро якчанд бор бо баландиҳои гуногун иҷро намоед. Онро аввал бо даҳони пӯшида замзама кунед, баъд бо овоз сароед. Мувофиқи зарби мусиқӣ қарсак занед.

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

## СУРУДИ МО

Оҳанги Сафаралӣ Сатторов
Шеъри Акобир Шарифӣ



I

Эй суруди мо,
Болу пар кушо,
Дар фазои ин
Мулки дилрабо!

Чун кабӯтарон,
Қосиди замон,
Раҳсипор шав
Сӯйи дӯстон!

II

Нағмаҳои тор,
Бӯйи навбаҳор,
Ҳамсадои ту
Дар ҳама диёр!

Дилкушод мо,
Бо ту шод мо,
Бо ту мерасем
Бар мурод мо!

Ҳангоми нишаста саройидан
дастҳоро озодона ба рӯйи
зонуҳо гузоред.




**Савол:** Оё сурудро ҳама дуруст хонд?

# БАРВАҚТ МЕХЕЗАМ



## Машқро иҷро кунед.




Ҳар саҳар аз хоб
Худам мехезам,
Дасту рӯямро
Худам мешӯям.

**Супориш ва савол:** Машқро бо аҳли синф такрор кунед. Калимаҳои **хоб, барвақт, худам, рӯям**-ро чӣ тавр хондед?

## Бозии тезгӯяки “ТО 7 ШУМОРЕД!”







Рақамҳоро дар як нафас ва дар як баландӣ сароед.




Ин рақамҳоро мувофиқи афзойишашон зина ба зина баландтар хонед.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## Бозии “Чашмонатро пӯш!”

Мусиқии халқӣ



**Саволҳо:** Мусиқӣ ба шумо хуш омад?
Садои кадом созро шунидед?

# ДАРС - ЧИСТОН








Бозиҳои «Чашмонатро пӯш!», «Кӣ садоро хубтар мешунавад?», тезгӯяки «То 7 шуморед!» - ро бо ҳамсинфон такроран иҷро кунед. Моҳият ва сохту шакли дойира, сурнай ва карнайро ба хотир биёред.

Сурудҳои «Тарона», «Зебоҷон» ва «Барвақт мехезам»-ро чун машқҳои овозшиносӣ такроран хонед.

Савол: Оё дар дарс ҳамаи хонандагони синф фаъол буданд?

# ЧОРЯКИ II

## ТАРЗИ САРОЙИДАН



Ҳангоми рост истода саройидан осуда бошед
ва дастҳоро озодона фуроред.

# ТАЛАФФУЗИ ОВОЗҲО



Ҳангоми талаффузи овози «О» даҳон чунин кушода мешавад.



Вақти талаффузи овози «А» даҳонро ин тавр кушоед.





Овози «И»-ро тавре талаффуз кунед, ки даҳон калон кушода нашавад.



**Супориш:** Ин қоидаҳоро дар хотир нигоҳ доред. Ҳангоми иҷрои суруд ба ҳолати даҳонкушойӣ эътибор диҳед.

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД
## ВАТАН

Оҳанги Шоҳназар Соҳибов
Шеъри Мирсаид Миршакар




I

Болу пари кас
Ватан мебошад,
Бахтовари кас
Ватан мебошад.

II

Бигрифтааст ӯ
Туро дар оғӯш,
Аммо накун ту
Ҳаргиз фаромӯш:

III

Ту бахтиёрӣ,
Эй насли озод!
Ту Ватан дорӣ,
Зебову ободǃ

IV

Фарзанди ҷон бош
Бар Ватани хеш,
Ҳам посбон бош
Бар Ватани хеш.

**Савол:** Оё калимаҳои **дилҳо** ва **одам-ро** ҳама дуруст хонданд?

# ШИНОСОЙӢ БО СОЗИ МУСИҚӢ

## РУБОБ



## ЧИСТОН




## ШИНОС ШАВЕД!



Амфитеатр кохи фарҳангист, ки дар шакли театр, сирк ва монанди инҳо бино меёбад. Дар амфитеатр консерту намоишҳои гуногуни шавқовар гузаронида мешаванд.

# Бозии “ГӮШ КУНЕД”








**Савол:** Мусиқӣ чӣ тавр садо дод?
Машқро мувофиқи рафти баргҳо сароед.

# ШИНОСОЙӢ БО СОЗИ МУСИҚӢ

## ҒИЖЖАК







## МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ҚАДАМ

### Мусиқии халқӣ




**Савол:** Садои ғижжак ҳам хуш асту шилдирроси об ҳам. Садои кадоме аз инҳо мусиқист?

# ШИНОСОӢ БО ҲАМСАРОӢ (ХОР)





Ҳамсароӣ якҷоя саройидан аст.

Ҳангоми якҷоя саройидан ба ишораи роҳбари хор (хормейстер) нигоҳ кунед.

Озодона нафас гиред.

Сурудро баробар сар кунед.

Овози рафиқатонро шунавед ва ба он ҳамсароён ҷӯр шавед.

## САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

### “ЗАБОНИ ТОҶИК”

Оҳанги Ҷӯрабой Охунов
Шеъри Исҳоқ Ёқубов

Moderato, (муътадилона)




Дурри геронӣ,
Ширинбаёнӣ
Хуштар зи ҷонӣ,
Забони тоҷик.

Аҷаб ширинӣ,
Асал бaринӣ,
Ба дил қаринӣ,
Забони тоҷик.

Дар илму ирфон,
Чу шамси тобон
Ҳасти дурахшон,
Забони тоҷик.

Чу лафзи Ҷомӣ,
Шеъри Низомӣ
Ҳастӣ гиромӣ,
Забони тоҷик.

**Савол:** Ин суруд дар кадом мавзӯъ навишта шудааст? Дар ин суруд кадом хусусиятҳои забони тоҷикӣ васф шудааст?

**Супориш:** Сурудро азхуд кунед.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ДӮСТОНИ МАН

Шеъри Розия Озод
Оҳанги Шариф Бобокалонов



***Moderato (муътадилона)***




Дигар дорам майдаяк
Мусичаи наѓзакак,
Ба ӯ бахшида хонем,
Ду - се мисраъ байтакак.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## АЛЛА

Оҳанги Акашариф Ҷӯраев



Машқро сароед.

Оча, шумо кучоед?
Ин чо давида оед!
Додаракам ханда кард,
Хандаи зебанда кард!

Канӣ, канӣ, додарчон,
Аз барои модарчон,
Ханда кун боре ширин,
Худи ҳозира барин!

# ЗИМИСТОН



Омад фасли зимистон,
Барф борид, Неъматҷон!
Биё, бо ҳам мебозем,
Рӯ - рӯйи ях метозем!

**Машқро иҷро кунед.**




**Савол:** Шеър дар васфи кадом фасли сол аст?

# САҲИФАИ ШАВҚОВАР

 

Супориш: Номи созҳои мусиқиро номбар намоед ва бо онҳо хоначаҳоро пур кунед. Номҳои созҳои миллии мусиқиро дар ёд доред.

**Кроссворди мусиқӣ**







## Шарҳи бозӣ

Дар ин бозӣ хонандагон хоначаҳои холиро танҳо бо номи созҳои мусиқии зарбӣ, торӣ, мизробӣ, инчунин нафасӣ пур мекунанд.

Эзоҳ: Муаллим метавонад синфро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, супоришҳои алоҳида диҳад.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## АЗ НӮГИ ХАМИР - ФАТИР

Оҳанги Шариф Бобокалонов ва Михаил Муравин
Шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ



Ҳар бор очаам
Мекунад хамир,
Аз нӯги хамир
Мепазад фатир.

**Супориш:** Ин сурудро хонед ва ба мазмунаш риоя кунед.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## БОЗӢ

Оҳанги Шарофиддин Сайфиддинов






**Савол:** Садои кадом созро шунидед?

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

## СОЛИ НАВ

Оҳанги Хайрулло Абдуллоев
Шеъри Абдумалик Баҳорӣ




II. Имрӯз - рӯзи якуми январ,
Рӯзи муборак, рӯзи мунаввар.

III. Чун одамони ин мулки аъзам
Бин, арчаи мо - сарсабзу хуррам!

IV. Бобои барфӣ дорад ишора
Бар фарқи арча, сӯйи ситора.



Супориш: Мусиқиро гӯш карда, сурудро хонед.

## Бозии “Канӣ, канӣ, бачаҳо?”



### Машқро иҷро мекунем.




**Савол:** Бозӣ ба шумо писанд омад? Шумо низ онро дар вақти холӣ ташкил кунед.

**Супориш:** Дар баробари ибораи «дасти бачаҳо» ибораҳои «сари бачаҳо», «гӯши бачаҳо», «пойи бачаҳо» ва «худи бачаҳо»-ро истифода баред.

# ШИНОСОЙӢ БО ЯККАНАВОЗ, ЯККАСАРО ВА АНСАМБЛ



Дастаи навозандагонро ансамбл меноманд.



Савол: Кадоме аз ин созҳоро шумо медонед?

Ин расми якканавоз аст.

Навозандае, ки танҳо худаш менавозад, якканавоз ва сарояндае, ки танҳо худаш месарояд, яккасаро ном дорад.

# ДАРС - КОНСЕРТ

## Бозии “Ба толори консертӣ меравем!”



Барномаи ДАРС - КОНСЕРТ
Шунидани асарҳои мусиқӣ:
«Бозӣ»-и Ш. Сайфиддинов
«Алла»-и А. Ҷӯраев
Такрори сурудҳои азёдшуда:
«Шод ба мактаб равем»
«Суруди мо»
«Ватан»
«Соли нав»
Такрори мавзӯъҳои талаффузи овозҳо, ансамбл, якканавоз ва яккасаро.

## Чоряки III

# ХАТҲОИ АДВОРГОҲ




Панҷ хатти баробаруфуқро дар мусиқӣ хатти адворгоҳ меноманд.

Хатҳои адворгоҳ барои навиштани ҳарфҳои мусиқӣ (адвор) истифода мешаванд.

Хатҳои адворгоҳро аз поён ба боло мешуморанд.

# ШИНОСОЙӢ БО НОМИ ҲАРФҲОИ МУСИҚӢ

До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си —
Ҳафт ҳарфи мусиқӣ!




Супориш: Номҳои ҳафт ҳарфи мусиқиро дар хотир нигоҳ доред.

# ҲАРФҲОИ МУСИҚӢ

Оҳанги Ҷурабой Охунов
Шеъри Сафаралӣ Сатторов



**Сафаралӣ Сатторов**

До ҳарфи аввалин аст,
Аммо чӣ таҳнишин аст!
Бар ҳарфҳои дигар
Чун зинаи заррин аст!

Ре ҳарфи бекаму кост,
Ҳарфи равону бурроst,
Ҷояш агарчи паст аст,
Аз «До» ҳамеша болост!

Ми ҳарфи сеюмин аст,
Ми савти дилнишин аст,
Буррад миёни Ми-ро
Хатте, ки аввалин аст.

Фа ҳарфи фораму хуш,
Фа хуш расад ба ҳар гӯш,
Ҷояш - миёни ду хат,
Фа - ро накун фаромӯш!

Сол аст ҳарфи солим,
Савташ хушу мулоим,
Дар рӯйи хатти дуюм
Бошад ҳамеша қоим.

Ла ҳарфи дилнавоз аст,
Ла хуштарин овоз аст,
Байни хатти дую се,
Меъёри савту соз аст.

Си ҳарфи дилписанд аст,
Дар хатти байн банд аст,
Мақому мансаби Си
Бисёр ҳам баланд аст!

# САВТИ ЯКУМИ МУСИҚӢ

## ДО



Додарам чанаи тездав дорад.

Савол: Савти якум дар кадом калимаҳо омадааст?

# РЕБУС- ЧИСТОН









До ҳарфи аввалин аст,
Аммо чӣ таҳнишин аст!

Бар ҳарфҳои дигар
Чун зинаи заррин аст!

**Супориш:** Аз рӯйи расмҳо калима ва ҷумлаҳо созед.

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ ДО




"До" дар рӯйи хатчаи якуми иловагии поёнӣ навишта мешавад.




Машқро сароед



Савол: Садои до паст аст ё баланд?

Супориш: Онро дар пардаҳои фортепяно ё аккордеон ёбед.

# САВТИ ДУЮМИ МУСИҚӢ






Духтараку писарак бо ресмон бозӣ мекунанд.

Савол: Савти дуюми мусиқӣ дар кадом калима омадааст?

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД
## ОФТОБУ ОДОБ

Оҳанги Сафаралӣ Сатторов
Шеъри Пӯлод Муъмин
Тарҷумаи Юсуфҷон Аҳмадзода

Нағз аст Офтоб?
Ё нағз одоб?
Ҳам нағз Офтоб!
Ҳам нағз одоб!

Офтоб набошад,
Олам шавад тор!
Одоб набошад,
Одам шавад хор!






**Савол:** Суруд ба шумо маъқул шуд?
**Супориш:** Мазмуни шеърро нақл кунед.

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ РЕ




Савти «ре» дар поёни хатти якуми адворгоҳ навишта мешавад.







Машқро иҷро кунед.
Зарби садоҳоро бо қарсак ифода намоед.



# ШИНОСОЙӢ БО ШОИР



**Ҷӯра Ҳошимӣ**

Шоири шинохтаи тоҷик Ҷӯра Ҳошимӣ барои кӯдакону наврасон шеър мегӯяд ва ба дили меҳрпарвари мардум андешамандона роҳ меҷӯяд. Ӯ дар қатори адибони варзидаву писандидаи кӯдакон қарор дорад.

“Соябони садранга”, “Офтобак”, “Аз як-як то лак-лак”, “Ре” мегӯям ман бурро” ва дигар китобҳои ӯро бачаҳо медонанд ва дӯст медоранд.

Ҷӯра Ҳошимӣ бо оҳангсозони шуҳратёри ҷумҳурӣ Ҷӯрабой Охунов, Қудратулло Яҳёев, Хайрулло Абдуллоев, Заррина Миршакар ва дигарон ҳамкории эҷодӣ дорад.

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

## «РЕ» МЕГӮЯМ МАН БУРРО

*Moderato (муътадилона)*

Оҳанги Ҷӯрабой Охунов
Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ




II.

Дору дигар «долу» не, ору дигар «олу» не,
Арра «алла» не дигар, абру дигар «аблу» не.
«Ре» мегӯям ман бурро! Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!



**Савол:** Ҳама ҳарфи “Ре”-ро дуруст талаффуз карданд?

# РЕБУС - ЧИСТОН



**Машқро иҷро кунед.**






**Супориш:** Аз рӯйи расмҳо калимаҳои мувофиқро ёфта ба ҷойи нуқтаҳо нависед.

# САВТИ СЕЮМИ МУСИҚӢ






Мирак миёнбанд дорад.

Машқро нависед.



Савол: Дар ҷумлаи боло кадом калимаҳо савти “ми” доранд?

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ МИ




«Ми» ҳарфи сеюмин аст,
«Ми» савти дилнишин аст,
Буррад миёни «ми»-ро
Хатте, ки аввалин аст.




Машқро иҷро кунед.

**Чобукона**




**Супориш:** Зарбҳоро муайян кунед.



**Савол:** Машқро ҳама дуруст иҷро карданд?

## МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ТӮҚ-ТӮҚ

Оҳанги Шариф Бобокалонов
Шеъри Убайд Раҷаб

Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Ин садои чист?
Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Тӯқ тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Аз барои чист?
Духтурам, духтур,
Духтури дарахт!
Дарди олу зӯр
Ҷудо ҳам карахт!

Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Ранги олу зард.
Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Тӯқ-тӯқ-тӯқ-тӯқ!
Менолад аз дард.
Ман дарди ӯро
Даво мекунам,
Аз марг олуро
Раҳо мекунам.



## РЕБУС - ЧИСТОН



Лаб-лаби ҷар-
Химчаи тар.






Ҷамила аълохон аст.




**Супориш:** Савти мусиқии “ми”-ро аз калимаҳо ёбед.

# РЕБУС




Супориш: Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳо ёфта ҷумлаҳо созед

# САВТИ ЧОРУМИ МУСИҚӢ






Хоҳарам Гавҳар дар фабрика кор мекунад.



**Супориш:** Савти мусиқии “фа”-ро дар ҷумла ёбед. Кашидани доираро дар мобайни хатҳо машқ кунед.

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ ФА




Савти «фа» дар мобайни хатҳои якуму дуюми адворгоҳ навишта мешавад.












- тир



- роғат



-роштурук

**Супориш:** Аз рӯйи расмҳо калимаҳоро пурра кунед.

# МАШҚҲОИ ЗАРБӢ

Савти аввали ҳар тақтеъ савти асосӣ буда, заданок хонда ё навохта мешавад.



Супориш: Бо қарсак зарбҳоро муайян кунед.
Зарби заданокро дар хотир нигоҳ доред.







«Фа» ҳарфи фораму хуш,
«Фа» хуш расад ба ҳар гӯш,

Ҷояш - миёни ду хат,
«Фа»-ро накун фаромӯш!

# САВТИ ПУРРА ВА НИСФӢ




Машқро иҷро кунед.



Ду ҳарфи нисфии мо
Монанди як ҳарфи “О”.

# САҲИФАИ ШАВҚОВАР

## Кроссворди мусиқӣ




### Шарҳи бозӣ

Хонандагон бо номи созҳои мусиқии нафасӣ, торӣ, зарбӣ ва мизробӣ метавонанд хоначаҳои холиро пур кунанд.

**а) Созҳои торӣ:**

- ҳарфи якумаш бо «Т» оғоз мешавад;
- ҳарфи дуюмаш «А» мебошад;
- ҳарфи сеюмаш «Б» мебошад.

**Созҳои зарбӣ:**

- ҳарфи чорумаш «Л» мебошад.

**Сози нафасӣ:**

- ҳарфи дуюмаш «А» мебошад;

ҳарфи якумаш бо «К» оғоз мешавад.

**б) Созҳои нафасӣ:**

- ҳарфи якумаш бо «Н» оғоз мешавад;
- ҳарфи панҷумаш «А» мебошад.

**Созҳои зарбӣ:**

- ҳарфи сеюмаш «Ғ» мебошад.

**Созҳои торӣ:**

- ҳарфи чорумаш «О» мебошад;
- ҳарфи панҷумаш «Р» мебошад;

ҳарфи дуюмаш «А» мебошад.

**Савол:** Таблак ва нағора чӣ гуна сози мусиқӣ мебошанд?

**Супориш:** Номи созҳои мусиқии халқиро дар ёд доред.

# ОФАРИН

Оҳанги Ёқуб Сабзанов
Шеъри Нозирҷон Боҳирӣ




| I | II |
|---|---|
| Офарин саҳнаи | Андар ин бозӣ ҳеч |
| Чусту чолокияст, | Мағлубу бохт нест, |
| Санҷиши донишу | Мо ҳама ғолибем, |
| Зӯру бебокияст. | Бурди мо бардамист. |
| **Нақарот:** | **Нақарот:** |

I (давом):

Каф занед, мухлисон,
Дӯстони қарин,
То шавад гармтар
Бозии "Офарин"
О-фа-рин!

### III

Мо, ки варзишгарем,
Азми моён матин,
Шӯху ҳозирҷавоб,
Ранги рӯ гул барин.

## САВТИ ПАНҶУМИ МУСИҚӢ

# СОЛ (СОЛЬ)



Ғижжакро ба зонуи чап гузошта, бо камонча менавозанд.
Салоҳ оҳангро форам менавозад.

# МАРИФАТИ МУСИҚӢ

## ТАҚТЕЪ ВА ХАТҲОИ АМУДИИ ТАҚТЕӢ

Хатҳои амудие, ки адворгоҳро ба хоначаҳо тақсим мекунад, тақтеъ ном дорад.

**ХАТҲОИ АМУДИИ ТАҚТЕӢ**

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |






Савол: Дар мусиқӣ тақтеъ барои чӣ лозим аст?
Супориш: Манзараро шарҳ диҳед.

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ СОЛ




Савти “Сол” дар рӯйи хатти дуюми адворгоҳ навишта мешавад.

“Сол” аст ҳарфи солим,
Савташ хушу мулоим,
Дар рӯйи хатти дуюм,
Бошад ҳамеша қоим.

Машқро иҷро кунед.




Супориш: Зарбҳои мусиқиро бо қарсак иҷро кунед.



Савол: Кадоме аз ин машқҳо ба шумо маъқул шуд.

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД
## САРҲАДЧӢ

Оҳанги Сафаралӣ Сатторов
Шеъри Муҳаммад Ғоиб

***Moderato (муътадилона)***




II

Сарҳадчӣ — бедор,
Сарҳадчӣ — ҳушёр,
Аз ҳоли мардум
Доим хабардор.



Меҳри Ватан буд
Зӯру мадораш,
Хоки Ватан буд
Дар ихтиёраш!

**Супориш:** Машқро нависед.



# САВТИ ШАШУМИ МУСИҚӢ

# ЛА(ЛЯ)

Офтобаки хандонрӯ
Болои кӯҳ баромад,
Лағжида барф аз шох,
Рӯйи замин фаромад.





**Савол:** Дар ин шеър кадом ҳарфҳои мусиқӣ омадаанд?

**Супориш:** Онҳоро дар хатти адворгоҳ ботартиб нависед.

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ ЛА






Савти «ла» дар мобайни хатҳои дуюм ва сеюми адворгоҳ навишта мешавад.

Камертон садои «ла»-ро медиҳад.

«Ла» ҳарфи дилнавоз аст,
«Ла» хуштарин овоз аст,
Байни хатти дую се
Меъёри савту соз аст.




Машқро сароед.

***Бошитоб***




Ҳамаи созҳои мусиқӣ бо савти «ла» ҷӯр карда мешаванд.

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ҚОҚУ

Оҳанги Қудратулло Яҳёев
Шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода




**Нақарот:**

Қоқу сари раҳ,
Қоқу лаби ҷар,
Хуршеди баҳор
Тобад ба назар.

Пар-пар зада гул,
Чун рӯйи Хумор.
Бишкуфта чаман,
Хуршеди баҳор.

Як дона ба ту
Як дона ба ман.
Хуршеди баҳор,
Дар боғу чаман.

**Супориш:** Мусиқӣ ба шумо маъқул шуд? Кадом сурудҳои оҳангсоз Қудратулло Яҳёевро аз ёд медонед? Онҳоро такрор кунед.

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

## ЧАРОҒАКИ РАҲНАМО

Оҳанги Ҷӯрабой Охунов
Шеъри Алӣ Бобоҷон



Чароғаки раҳнамо
Дорад ҳар як гузаргоҳ,
Ҳар се ранги банураш
Ба мо нишон диҳад роҳ.

Ранги сурхи чароғак
Гӯяд, ки “Нашав роҳӣ!”
Ранги зардаш аз хатар
Диҳад ба мо огоҳӣ.

Ранги сабзи чароғак
Мекушояд ба мо роҳ.
То нашавад фурӯзон,
Нагузар аз гузаргоҳ!

Шаҳри мо - шаҳри калон,
Мошинҳояш - бешумор.
Вақти гузаштан аз роҳ
Қоидаро нигаҳ дор!

**Супориш:** Сурудро хонед ва ба мазмуни он риоя кунед.

## САВТИ ҲАФТУМИ МУСИҚӢ

# СИ



Сардори синфи мо - Ситора духтари аълохон аст.

**Машқро нависед.**



Дасти савти “си” ба поён кашида мешавад.

## Машқро иҷро кунед.






«Си» ҳарфи дилписанд аст,
Дар хатти байн банд аст,

Мақому мансаби «си»
Бисёр ҳам баланд аст!

**Савол:** Машқ ба шумо маъқул шуд?
Навозанда чӣ кор мекунад?

# ТАРЗИ НАВИШТАНУ ХОНДАНИ САВТИ СИ







## РЕБУС - ЧИСТОН




Супориш: Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиҷою калимаҳои мувофиқ гузоред.

# САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД

## ИДАТ МУБОРАК

Оҳанги Хайрулло Абдуллоев
Шеъри Наимчон Назирӣ




I

Эй модари ман,
Бахти чавонам,
Номи хуши ту
Вирди забонам.

II

Меҳри ту доим
Дар чисму чонам,
Идат муборак!
Идат муборак!

III

Ман дар бари ту
Аз хурдӣ растам,
Меҳри дили худ
Бар ту бубастам.

IV

Фарзанди дилбанд
Баҳри ту ҳастам.
Идат муборак!
Идат муборак!




**Супориш:** Ин сурудро хонед ва модаронро бо идашон табрик гӯед.

# ШИНОСОЙӢ БО СОЗИ НАЙ





Садои форами найро бо уллоси гург муқоиса намоед.

## ЧИСТОН

Аз нафаси мо
Барорад садо.
Бигӯед шумо,
Чист он, бачаҳо?



# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ
## НАВРӮЗӢ

Оҳанги Зайниддин Зулфиқоров
Шеъри халқӣ



Наврӯзу навбаҳор аст,
Гул дар миёни хор аст.
Ҳар сабза шоду хуррам,
Булбул чӣ беқарор аст!

Савол: Ҳангоми шунидани мусиқӣ чиро тасаввур кардед?

# ДАРС - ЧИСТОН

## ТАСВИРҲОИ САНҶИШӢ



________ ?



________ ?



________ ?



Аз рӯйи пардаҳо ҳарфҳои мусиқии ба шумо шиносро ёбед.

Машқҳои овозро аз рӯйи ҳарфҳои мусиқӣ сароед ва дар адворгоҳ ботартиб нависед.

**Савол ва супориш:** Чандто ҳарфи мусиқиро ёфтед? Онҳоро бо овози бурро ва форам сароед.

# ЧОРЯКИ IV

## Бозии «Чашми кӣ тез мебинад?»
## Машқро такрор кунед.





### Шарҳи бозӣ:

Муаллим 3 ё 4 савти гуногун интихоб карда, онҳоро дар ду ё се сония дар тарзҳои гуногун:

Бори аввал: ♪ ♪ ♩ Бори дуюм: ♩ ♪ ♪
Бори сеюм: ♪ ♩ ♪ нишон медиҳад ва мепурсад, ки савти ♩ (чорякӣ) дар куҷо омадааст.

**Супориш:** Ин савтҳоро аввал бо даҳони пӯшида ва баъд бо даҳони кушода хонед.

# РЕБУС - ЧИСТОН




Бо садои до, ре, ми  
Мекунем акнун бозӣ,

Бозии ребус чистон,  
Ёбед онро, бачагон!








**Савол:** Бозӣ шуморо хуш омад?

## САРОЙИДАНРО ОМӮЗЕД
## БОРОНАК

Оҳанги Қудратулло Яҳёев
Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ

**II**

Тоза шӯяд гулҳоро,
Боғу дашту саҳроро,
Борон равшан гардонад
Ҷону дилҳои моро!

Чак-чак, чак-чак, чак-чак,чак,
Чак-чак, ча-ка-чак, чак-чак,чак.



**III**

Борад, то гулҳо рӯянд,
То духтарҳо сар шӯянд,
То бачаҳо гул чинанд,
То модарҳо гул бӯянд!

Чак-чак, чак-чак, чак-чак,чак,
Чак-чак, ча-ка-чак, чак-чак,чак.




Супориш: Сурудро хонда ҳаракати зарбиро бо қарсак муайян кунед.

# РАҚСҲОИ МИЛЛИИ АНЪАНАВӢ



Супориш: Кадом рақсҳои миллиро медонед?

# САҲИФАИ ШАВҚОВАР!

## Кроссворди мусиқӣ







### Шарҳи бозӣ

Муаллим овезаи доир ба калимаҳои мусиқии «Адвор» ва «Мадид» тайёркардаашро дар пештахтаи синф овезон карда, шарти бозиро мефаҳмонад.

Хонандагон ба ҳар як ҳарфи калимаҳо номҳои адвори мусиқиро гузошта, хоначаҳоро пур мекунанд.

**Эзоҳ:** Бозингар номи адворро пур карда, аз овеза (плакат ё фортепяно) онро нишон дода, бо овоз иҷро мекунад.

**Супориш:** Бозиро ташкил намоед ва ба номҳои адвор калимаҳо ёбед.

# МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

## САРПАРДА

**Сарпарда** - овози асосӣ ва устувортарини мусиқист. Ҳар як мусиқӣ сарпардаи худро дорад.

### Машқро сароед









**Савол:** Машқи мусиқиро ҳама дуруст иҷро кард?

**Супориш:** Ҳангоми иҷрои асари мусиқӣ сарпардаро дар ёд доред.

# НАВИШТАНИ АДВОР







Адвор дар рӯйи хатҳо ва мобайни хатҳо навишта мешавад.

**Саволҳои санҷишӣ:**





**Савол:** Адвор дар куҷо навишта мешавад?
Парастуҳо дар куҷо нишастаанд?

**Супориш:** Барои адвори до, ре, ми, фа, сол, ла, си калимаҳо ёбед.
Сурудҳои азёдкардаатонро такрор кунед.

## Бозии “СЕ ДУХТАРАКОН”



Се духтаракон будем,
Лолачинакон будем,
Давидему давидем,
Ба ҷӯйи нав расидем.
Ҷӯйи нава обаш не,
Дугонема хобаш не.

Як хол дорад дугонем,
Ду хол дорад дугонем,
Се сол бозаш надидем,
Чӣ ҳол дорад дугонем?

Супориш: Сурудро дар ҳавои мусиқии халқӣ сароед.

# МАШҚҲОИ ОВОЗ ВА РЕБУС

Машқи овоз дар як баландӣ.



Машқи овоз дар баландиҳои гуногун.



Супориш: Машқро дар як нафас иҷро кунед.
I.V. – аломати нафаскашӣ .

## РЕБУС













Супориш: Ба савтҳои: ми, ре, до калимаҳо ёбед.

# САҲИФАИ ШАВҚОВАР

## Кроссворди мусиқӣ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Т | | |
| | | О | | |
| | | Р | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Н | | |
| | | А | | |
| | | Й | | |

### Шарҳи бозӣ

Хоначаҳои холиро бо номи як сози мусиқӣ пур кунед.

Хонандае, ки аввалин шуда ҷавоби бозиро меёбад ғолиб дониста мешавад.



Супориш: Машқро дар як баландӣ ва баландиҳои гуногун иҷро намуда, зарби онро бо қарсак муайян кунед.

# САВТҲОИ ЧОРЯКӢ ВА ҲАШТЯКӢ



= **чорякӣ**





= **ҳаштякӣ**



Фарқи савтҳои чорякӣ ва ҳаштякиро муайян кунед.

Дастаи аломатҳои адвор ба боло  ё,ба поён  кашида мешавад.

Машқро иҷро кунед.



1)Бо-рон, би-бор тез-тез,
Қат-ра - қат-ра рез, рез!

2) Саҳ-ро-ҳо гаш-та се -роб,
За-мин ша-вад ҳо-сил-хез!

# МУСИҚӢ МЕШУНАВЕМ

## ЭЙ МУЛКИ ХУРРАМ

Оҳанги Ҷӯрабой Охунов
Шеъри Алӣ Бобоҷон



Савол: Ҳангоми шунидани мусиқӣ табиатро чӣ гуна тасаввур мекунед?

# КАЛИДИ ҒИЖЖАК





**СОЛ**

Калиди ғижжак дар рӯйи хатти дуюми адворгоҳ навишта мешавад ва савти «сол»-ро ифода мекунад.



**Супориш:** Машқи якуму дуюми калиди ғижжакро якҷоя нависед.

Машқи овозхонӣ аз савти «сол»:




## Қоидаи иҷрои машқ

Хонандагони синф ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:
а)гурӯҳи якум бо аломати «*f*» - форте (баланд).
б)гурӯҳи дуюм бо аломати «Р» - пиано (паст).

Саволҳо: Ҳангоми иҷрои машқ ҳамаи хонандагон қоидаро риоя карданд?
Садои аз ҳама баландтарини ин машқ кадом аст?
Калиди ғижжак кадом савтро ифода мекунад?

# САҲИФАҲОИ ЭҶОДӢ

## Калиди мусиқӣ (ғижжак)

**Савол**

Савти СОЛ-ро агар мо,
Нависем дар адворгоҳ,
Кӣ медонад ҷойи он.
Хеста нависед чаққон!

**Ҷавоб**

СОЛ - бувад савти хушхон,
Ту асло ҳайрон намон,
Дар рӯйи хати дуюм,
Оварда тезтар бимон.






Барои аз рӯйи адвор саройидан баландии садои онҳоро донистан лозим аст. Барои онро муайян кардан калиди мусиқӣ дастур медиҳад. Калиди мусиқӣ дар аввали адворгоҳ дар рӯйи хатти дуюм навишта мешавад.

# ТОБИСТОН

Оҳанги Қудратулло Яҳёев
Шеъри Убайд Раҷаб

**Moderato (муътадил)**




I

Боз омад фасли гармо,
Поёни таҳсил омад.
Мурғи шодӣ, пар кушо,
Айёми таътил омад.

Накарот:

Тобистон, эй тобистон,
Эй фасли хушу зебо,
Аз худ нишоне бимон,
Дар лавҳи дилҳои мо.

II

Ҳар ҷое кoристон аст,
Он ҷо бувад ҷои мо,
Оғӯши кӯҳистон аст,
Манзилу маъвои мо.

Накарот:

III

Бар роҳу бар сари мо,
Нур афшонад офтоб,
Дар меҳнат чун падарҳо
Худро диҳем обутоб.

## Мундарича

Чоряки I........................................................................4

Чоряки II.......................................................................25

Чоряки III......................................................................43

Чоряки IV......................................................................79

САФАРАЛӢ САТТОРОВ,
ҶӮРАБОЙ ОХУНОВ,
МУҲАММАДҶОН ЯҲЁЕВ

# АЛИФБОИ МУСИҚӢ

**китоби дарсӣ барои синфи 2**

***Муҳаррири техникӣ:*** ***Қобилҷон Саъдуллоев***
***Тарроҳ:*** ***Сатторов Иқбол***

Ба чопаш ………………… имзо шуд. Формати 70х90 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 00. Адади
нашр000.000 нусха. Супориши №...
Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17
E-mail: haitova@inbox.ru